“Тасдиқ мекунам”

Муовини директори Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ
д. и.и, профессор Мирсаидов А.Б

«18» 03 соли 2022

# ХУЛОСАИ

**шуъбаи таҳқиқоти институтсионалии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба диссертатсияи Сафаров Абдулманон Маҳмадсаидович дар мавзӯи «Тадқиқи усулҳо ва василаҳои такмили идоракунӣ дар низомҳои иҷтимоӣ-иқтисодии осебпазир» (дар мисоли минтақаи ҷанубии наздисарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон), ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси: 08.00.06 - Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) пешниҳод шудааст.**

Диссертатсияи Сафаров Абдулманон Маҳмадсаидович дар мавзӯи «Тадқиқи усулҳо ва василаҳои такмили идоракунӣ дар низомҳои иҷтимоӣ-иқтисодии осебпазир» (дар мисоли минтақаи ҷанубии наздисарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон) дар шуъбаи таҳқиқоти институтсионалии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон иҷро гардидааст.

Сафаров Абдулманон Маҳмадсаидович соли 1982 дар ноҳияи Ховалинғи вилояти Хатлон, дар оилаи зиёӣ таваллуд шудааст. Соли 2003 Донишкадаи андоз ва ҳуқуқи Тоҷикистон, факултаи андоз ва андозбандиро бо ихтисоси иқтисодчӣ хатм намудааст.

Соли 2017 дар Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии Тоҷикистон ба ҳайси ходими илмии шуъбаи таҳқиқотҳои минтақавӣ ва ҷойгиркунии қувваҳои истеҳсолкунанда кор ва фаъолияти худро оғоз намудааст. Аз соли 2017 аспиранти ғоибонаи Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон буда, соли 2021 онро бо баҳои хубу аъло ба итмом расондааст.

Имтиҳонҳои номзадиро аз фанҳои забони хориҷӣ (англисӣ) баҳои 4 (хуб), таърихи фалсафа ва илм баҳои 4 (хуб) ва аз рӯи ихтисос 08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо баҳои 5 (аъло) супоридааст.

Роҳбари илмӣ - Алимов Анвар Латипович, номзади илмҳои иқтисодӣ, ходими пешбари илмии шуъбаи таҳқиқоти институтсионалии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон мебошад.

Мавзӯи кори диссертатсия дар ҷаласаи васеи шуъбаи тадқиқоти институтсионалии Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ муҳокима шудааст (протоколи № 4 аз 15 марти соли 2022).

Аз рӯи натиҷаҳои экспертизаи диссертатсияи Сафаров Абдулманон Маҳмадсаидович дар мавзӯи «Тадқиқи усулҳо ва василаҳои такмили идоракунӣ дар низомҳои иҷтимоӣ-иқтисодии осебпазир» (дар мисоли минтақаи ҷанубии наздисарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон) хулосаи зерин бароварда шуд:

**Арзёбии корҳои иҷрогардида.** Кори диссертатсионии Сафаров Абдулманон Маҳмадсаидович дар мавзӯи «Тадқиқи усулҳо ва василаҳои такмили идоракунӣ дар низомҳои иҷтимоӣ-иқтисодии осебпазир» (дар мисоли минтақаи ҷанубии наздисарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон) ба масъалаи муҳим бахшида шуда, бо забони возеҳи илмӣ таълиф гардидааст.

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади кори диссертатсионӣ таҳияи консептуалии ҷанбаҳои асосии идоракунии низомҳои иҷтимоию иқтисодии осебпазир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мисоли минтақаи ҷанубии наздисарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Ноил гардидан ба мақсади гузошташуда ҳалли вазифаҳои ба ҳам алоқаманди зеринро тақозо мекунад:

- муқаррар намудани хусусиятҳои бунёдии низомҳои иҷтимоию иқтисодии осебпазир, муайян кардани вазифаҳои асосии рушди онҳо;

- арзёбии усулҳо ва воситаҳое, ки барои идоракунии ин низомҳо истифода мешаванд;

- асосноккунии илмии усулҳои идоракунии низомҳои иҷтимоию иқтисодии осебпазир;

- таҳия ва коркарди воситаҳои идоракунии низомҳои иҷтимоию иқтисодии осебпазир мебошад.

Иштироки шахсии унвонҷӯ дар дарёфти натиҷаҳои дар рисолаи илмӣ баёнгардида.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.**

Ҳамаи давраҳои иҷрои таҳқиқот бо иштироки бевоситаи унвонҷӯ сурат гирифтааст. Саҳми шахсии муаллиф дар таҳқиқоти гузаронидаи диссертатсионӣ, дар муайян намудани ҳадафҳо, мавзӯъ ва объекти таҳқиқот, асоснок намудани номгӯи вазифаҳои таҳқиқот ва ҳаллу фасли онҳо, дар бурда расонидани муқарраротӣ назариявӣ ва методии таҳқиқот ҳангоми таҳияи стратегия ва воситаҳои рушди маҳаллисозии инфрасохтори минтақавӣ, ташаккул ва татбиқи барномаҳои ҳудудии сармоягузорӣ ва лоиҳаҳои махсуси минтақавӣ бо мақсади мукаммалгардонии мухтаво ва сохтори сиёсати иқтисодии минтақавӣ истифода шаванд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** бо озмоишҳо, эътимоднокии маълумотҳо, ҳаҷми кифояи маълумотҳои таҳқиқот, коркарди натиҷаҳои омории таҳқиқот, нашриётҳо тасдиқ карда мешавад. Хулоса ва тавсияҳо аз таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқотҳои назариявию озмоишӣ асос гирифтаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Навоварии илмии таҳқиқот дар коркарди системавии маҷмӯи ҷанбаҳои муҳимтарини рушди низомҳои иҷтимоӣ-иқтисодии осебпазир дар фазои хоҷагидории Ҷумҳурии Тоҷикистон: муқаррар намудани аломатҳои бунёдии ин низомҳо; ошкор намудани омилҳои боздоштани онҳо; пешниҳоди захираҳо ва таҳияи воситаҳои идоракунӣ барои рушди ин низомҳо зоҳир мегардад.

1. Ҷанбаҳои назариявии таҳлили мушкилоти идоракунӣ дар системаҳои осебпазири (депрессионӣ) иҷтимоию иқтисодӣ таҳқиқ карда шудаанд.

2. Усулҳо ва воситаҳои идоракунии система дар шароити осебпазирӣ муайян карда шудаанд.

3. Хусусиятҳои хоси иҷтимоию иқтисодии минтақаи ҷанубии наздисарҳадии кишвар муайян карда шудаанд.

4. Принсипҳои идоракунӣ ва навсозӣ дар минтақаҳои осебпазир (депрессивӣ) муайян карда шудааст.

5. Омилҳо ва воситаҳои идоракунии низоми осебпазир муайян карда шудаанд. Тафовут дар идоракунии низомҳои иҷтимоию иқтисодии шакли устувор ва осебпазир.

6. Роҳҳои асосии такмили идоракунии низоми иҷтимоию иқтисодӣ, аз ҷумла, баланд бардоштани нақши савдои наздисарҳадӣ ва МОИ дар ободонии минтақаҳои осебпазири ҷануби Тоҷикистон ва самтҳои такмили усулҳо ва воситаҳои таҳияи барномаи низоми иҷтимоию иқтисодии минтақаи ҷанубии наздисарҳадии Тоҷикистон муайян карда шудааст, аз ҷумла: асоснок карда шуд, ки ҳам дар қонунгузорӣ оид ба МОИ ва ҳам дар низомномаҳои он принсипҳои таъсиси МОИ муқаррар карда нашудаанд, ки ин ҳолат боиси паст гардидани самаранокӣ ва таъсирнокии ташкилии МОИ гардидааст.

**Муҳимияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ.**

Натиҷаҳои алоҳидаи таҳқиқотро барои такмили мазмун, сохтор ва методикаи таълими фанҳои таҳсилоти олӣ: «Иқтисоди минтақаҳо», «Идораи стратегӣ», «Идоракунии ҳудудҳо», инчунин, курси махсус барои ҷоннок намудани рушди низомҳои иҷтимоӣ-иқтисодии осебпазир истифода бурдан мумкин аст.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки хулоса ва тавсияҳои асосие, ки дар кор оварда шудаанд, метавонанд ҳангоми таҳияи стратегия ва воситаҳои рушди маҳаллисозии инфрасохтори минтақавӣ, ташаккул ва татбиқи барномаҳои ҳудудии сармоягузорӣ ва лоиҳаҳои махсуси минтақавӣ, ки ба эҳтиёҷоти инфрасохтор нигаронида шудаанд, инчунин, бо мақсади мукаммалгардонии мӯҳтаво ва сохтори сиёсати иқтисодии минтақавӣ истифода шаванд.

**Мутобиқати мундариҷаи диссертатсия ба ихтисоси интихобнамуда.**

Мазмуну мундариҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба бандҳои зерини Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқшуда аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 - Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) мувофиқат мекунад:

**Банди 10.2.** Моҳият, сохтор ва вижагиҳои фарққунандаи идоракунии низомҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, тамоюлҳои асосӣ ва самтҳои инкишофи он дар шароити ҷаҳонишавӣ, инкишофи ҳамкориҳо, бизнеси байналмилалӣ ва ташаккули ҷомеаи информатсионӣ ва ғ.

**Банди 10.5.** Идоракунии низомҳои иқтисодӣ, усул (принсипҳо), шаклҳо ва механизмҳои амалисозии он. Идоракунии тағйирот дар низомҳои иқтисодӣ. Назария ва амалияи идоракунии инфрасохторҳои иҷтимоиву истеҳсолӣ, сохторҳои интегратсионӣ ва равандҳои интегратсияи бизнес. **Банди 10.16.** Идоракунӣ дар низомҳои депрессивии (депрессивный) иҷтимоӣ-иқтисодӣ (ҳудудҳо, минтақаҳо, комплексҳо). Омилҳо ва фишангҳои идоракунӣ дар низоми иҷтимоӣ иқтисодии депрессивӣ ва боздошти равандҳои таназзули иҷтимоӣ-иқтисодии (ҳудудҳо, минтақаҳо, комплексҳо) Ҷумҳурии Тоҷикистон. Самтҳои паст кардани сатҳи депрессия дар низомҳои иҷтимоию иқтисодӣ.

**Мукаммалии баёни маводи диссертатсионӣ дар корҳои унвонҷӯ интишорнамуда.**

Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 6 интишороти унвонҷӯ, аз ҷумла, 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсиони назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд. Ҳаҷми умумии интишорот вобаста ба мавзӯи таҳқиқот 7- ҷузъи чопиро ташкил медиҳад.

**Феҳрасти интишорнамуда тибқи мавзӯъҳои кори диссертатсионӣ:**

[1-М] Бобоҷонов Р.М., Аминҷонов Р.М., Алимов А.Л., Сафаров А.М.Минтақаҳои озоди иқтисодӣ ҳамчун шакли инноватсионии ҳалли масъалаҳои минтақавии рушди иҷтимоию иқтисодӣ (аз рӯи натиҷаҳои тадқиқоти иҷтимоию иқтисодӣ) (Монография)

[2-М] Алимов А.Л., Сафаров А.М “Таҳлили таъсири пандемияи Ковид-19 ба иқтисодиёт ва эҳтиёҷоти меҳнати кишвар” [Матн] Алимов А.Л., Сафаров А.М. Маҷаллаи “Иқтисодиёти Тоҷикистон.” Душанбе, 2020 -№ 3 – 2020 - Саҳ. 58-64.

[3-М] Алимов А.Л., Сафаров А.М “Принсипҳои ташкил ва амалияи фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” [Матн]

Алимов А.Л., Сафаров А.М. Маҷаллаи “Иқтисодиёти Тоҷикистон.” Душанбе, 2020 - № 1- 2020 Саҳ. 171-177.
[4-М]Сафаров А.М “Омилҳои ташкилию иқтисодии рушди минтақаи ҷануби сарҳадии Тоҷикистон” [Матн] Сафаров А.М. Маҷаллаи “Иқтисодиёти Тоҷикистон.” Душанбе, 2021. №3. 2021 Саҳ. 238-242.
[5-М]Сафаров А.М “Масъалаҳои таҳияи барномаҳои минтақаҳои кишвар ва таҷрибаи минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”. [Матн] Сафаров А.М. Маҷаллаи “Иқтисодиёти Тоҷикистон.” Душанбе, 2021 № 4 - 2021. Саҳ. 199-203.

**Мақолаҳо ва фишурдаи интишорот дар маҷмӯаи маводи конфронс:**

[6-М] Алимов А.Л., Сафаров А.М “Оид ба ташкил ва таҷрибаи минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” [Матн] Алимов А.Л., Сафаров А.М. “Маводи конференсияи илмию амалии 30-соли Истиқлолият ва рушд” ДДСТДТ. Душанбе, 2021. Саҳ.,23-30.

[7-М] Сафаров А.М “Натиҷаҳои тадқиқоти омилҳои иҷтимоию иқтисодии тараққиёти минтақаҳои ҷанубӣ сарҳади Тоҷикистон” [Матн] Сафаров А.М. Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуй “Дастовардҳои соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ дар давраи Истиқлолияти давлатӣ” Душанбе, 2021, 24-сентябри соли-2021 Саҳ., 336-343.

Диссертатсияи Сафаров Абдулманон Маҳмадсаидович «Тадқиқи усулҳо ва василаҳои такмили идоракунӣ дар низомҳои иҷтимоӣ-иқтисодии осебпазир» (дар мисоли минтақаи ҷанубии наздисарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси: 08.00.06 - Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) ҷавобгӯ ба талаботи муқарраргардида арзёбӣ мегардад, ва барои ҳимоя ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА – 017-и назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон тавсия дода мешавад.

Хулоса дар ҷаласаи шуъбаи таҳқиқоти институтсионалии Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ, суратҷаласаи №4, аз 15.03.2022 қабул карда шуд.

Зимни раъйгирӣ аз рӯи масъалаи мазкур ба теъдоди умумӣ 10 нафар ҳузур доштанд, ки аз инҳо ҳуқуқи овоздиҳӣ 10 нафар доштанд. Натиҷаи раъйгирии озод:

| | |
|---|---|
| Тарафдор | 10 |
| Муқобил | <u>нест</u> |
| Бетараф | <u>нест</u> |

Раиси маҷлис мудири шуъбаи
таҳқиқоти институтсионалии
Институти иқтисодиёт ва демографияи
АМИТ, н.и.и., дотсент — Бабаджанов Р.М.

Котиби ҷаласа
х.к.и. шуъбаи таҳқиқоти институтсионалии
Институти иқтисодиёт ва демографияи
АМИТ, н.и.и. — Ҷонакова Г.А.

Душанбе, 15 марти соли 2022.

Имзоҳои Бабаджанов Р.М.
ва Ҷонакова Г.А.-ро тасдиқ мекунам.
Инспектори калони оиди ба кадрҳои
Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ — Қурбонов Э.Т.